آوازتاجیک

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

Рӯзнома аз соли 1924 мебарояд

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

24 июли соли 2021. Шанбе

№ 57 (14758)

сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# ҲОЛАТИ КОР БО МУРОҶИАТИ АҲОЛӢ ТАҲЛИЛ ГАРДИД

**Зери раёсати Президент Шавкат Мирзиёев 23 июл ҷамъомади видеоселекторӣ доир ба чорабиниҳои ташкили низоми нави кор бо мурожиати аҳолӣ баргузор гардид.**

Роҳбари давлат Шавкат Мирзиёев ба иҷрои вазифаи Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон пардохта, таъкид карда буд, ки қоидаи асосии роҳбарони ҳамаи дараҷаҳо принсипи «На халқ барои мақомоти давлатӣ хизмат намояд, балки мақомоти давлатӣ бояд ба халқ хизмат кунад» бояд гардад.

Ин принсип чун самти бартариноки сиёсати давлатӣ муайян карда шуд. Баъдан пас аз он, 28 декабри соли 2016 фармони Президент дар бораи кор бо мурожиати шахсони ҷисмонӣ ва ҳуқуқӣ қабул гардида буд. Қабулхонаҳои халқӣ ва Қабулхонаи виртуалии Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон, ки бинобар ин ҳуҷҷат ташкил гардиданд, низоми ҳамкории байни мақомоти давлатӣ ва шаҳрвандонро ташаккул доданд.

Таҷрибаи корандозии гуфтугӯҳои кушод дар маҳалҳо ва қабулхонаҳои сайёри роҳбарони тамоми дараҷаҳо дар мардум ҳисси умед ва боавариро барои имконияти ҳалли масъалаҳо бедор намуд. Мақомоти давлатӣ «ба поён фуромаданд» ва бинобар ниёз ва дархости аҳолӣ корро шурӯъ карданд.

Таҳлили масъалаҳои доғе, ки дар мурожиатҳо ба Қабулхонаҳои халқӣ ва зимни қабулҳои сайёр бардошта шудаанд, оғози бисёр ислоҳот гардид. Чор сол қабл аз ин ба ҳисоби миёна моҳе 100 ҳазор мурожиат доир ба масъалаҳои конвертатсияи асъор, сабти ном, пардохти нафақа ва кӯмакпулӣ дар шакли нақд мерасиданд. Ба туфайли кори низомнок дар бобати бартарафсозии мушкилот дар соҳаҳои мазкур мурожиатҳо дар ин масъалаҳо тамоман аз байн рафтанд.

Инчунин тартиби соддаи гирифтани шаҳрвандии Ӯзбекистон барои қариб 100 ҳазор оила ҳаллу фасл гардид.

Дар натиҷаи кор оид ба мустаҳкамсозии адолат ва шаффофият дар низоми суд ва мақомоти тафтиш 250 ҳазор шикоят, ки солҳои зиёд ҳалли худро наёфта буданд, аз байн бурда шуданд.

Дар ҷамъомад ҳолати имрӯзаи кор бо мурожиати аҳолӣ дар қисмати вазорат ва минтақаҳо муҳокима гардид.

Роҳбари давлат ногузирии дар худи маҳаллаҳо дар навбати аввал ҳал намудани мушкилоти доимиро, ки боиси мурожиати шаҳрвандон мегарданд, таъкид намуд.

Барои ин ҳокимони вилоятҳо, ноҳияҳо ва шаҳрҳо ҳафтае барои қабули шаҳрвандон ду рӯз ҷудо мекунанд, дар ҳокимиятҳо қабули ҳамарӯза роҳандозӣ хоҳад шуд.

– Кабинети ҳоким «қабулхонаи халқӣ» мегардад. Ҳар як роҳбар бояд стратегияи онро дошта бошад, ки мурожиатҳоро чӣ гуна баррасӣ мекунад ва ба чӣ эътибор медиҳад, – гуфт Президент.

Қабулхонаҳои виртуалӣ ва саҳифаҳои шахсии ҳокимон дар шабакаҳои иҷтимоӣ барои қабули шабонарӯзии мурожиати аҳолӣ ба вуҷуд оварда мешаванд.

Таъкид шуд, ки дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ ба Қабулхонаҳои халқӣ 100 ҳазор мурожиат оид ба масъалаҳои кор ва соҳибкорӣ расидааст. Инҳоро бо қувваи худи ҳокимон пурра ҳал кардан мумкин аст.

Барои мисол, маркази кори «маҳаллабайъ» дар ноҳияи Пасдарғом 117 маҳалларо омӯхта, маълум намуд, ки 4 ҳазор нафар бекор доштааст. Аз ҳисоби таълими касб ва соҳибкорӣ, ҳамдастӣ дар бобати таҳияи бизнес-лоиҳаҳо, дарёфти кредит ва субсид бо кор таъмин намудани беш аз се ҳазор нафар ҳаллу фасл гаштааст.

Ба аҳамияти татбиқи чунин ташаббусҳо дар дигар минтақаҳо низ ишора гардид.

Таъкид шуд, ки бештар аз ҳама мурожиатҳо дар масъалаҳои таъмини газу электр, кор, манзил, замин, хидмати тиббӣ ва маорифи халқ мерасанд. Чораҳои бартарафсозии онҳо муайян гардиданд.

Барои мисол имконоти татбиқи ба ҷойи додани тартиби ордер, ки қариб нимаи мурожиатҳоро дар соҳаи тиббиёт ташкил менамояд – татбиқи низоми ошкор ва шаффоф таъкид гардид, ки ин имкон медиҳад теъдоди шикоятҳо 10 ҳазор кам гардад.

Минбаъд пойгоҳи умумии электронии тамоми мурожиатҳо ҷорӣ мегардад, Қабулхонаҳои халқӣ дар ҳар се моҳ рейтинги кушоди кори мақомоти давлатиро дар ин самт мебаранд. Барои тамоми вазорат ва идораҳо, ҳокимиятҳо онлайн-платформаи барои ҳама ягона барои сабти ном, баррасӣ ва назорати натиҷаи мурожиатҳо ба вуҷуд оварда мешавад. Натиҷаи мониторинг ҳар моҳ ба Сенат ва Ҳукумат пешниҳод мегардад, ки онҳо мавриди муҳокимаи танқидӣ қарор мегиранд.

Ғайр аз ин дар Сенат дар ҳар се моҳ, дар шӯроҳои маҳаллӣ дар ҳар моҳ ҳисоботи роҳбарони вазорат, идора ва минтақаҳо дар бобати ҳолати ҳалли масъалаҳое, ки дар мурожиати аҳолӣ бардошта мешаванд, шунида мешаванд.

Аз рӯйи масъалаҳое, ки дар ҷамъомад муҳокима гардиданд, шахсони масъул дар бобати чорабиниҳои оянда доир ба ташкили низоми нави кор бо мурожиати аҳолӣ ҳисобот доданд.

**ЎзА.**

***Фикри депутат***

## ДАР ОСТОНАИ ЗИНАИ НАВИ ЭЪТИМОДИ ТАРАФАЙН ВА ҲАМРАЪЙӢ

***Кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ бо ҳам аз азал анъанаҳои неки ҳамсоягиву бародарӣ, ҳамкориҳои дӯстонаву некхоҳона доранд. Имрӯз ин қаробати таърихии байни минтақаҳо дар пояи эътимоди тарафайн ва манфиатдории бисёрҷанба торафт мустаҳкам мешавад.***

Бояд гуфт, ки бобати ба амал татбиқ намудани ташаббуси инкишоф додани ҳамкориҳои минтақавии Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ Конфронси байналхалқии Тошканд дар мавзӯи «Ҳамгароии минтақавии Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ. Таҳдидҳо ва имкониятҳо» боз як қадами муҳим гардид.

Дар ҳамоиши мазкур, ки бо ташаббуси роҳбари давлати мо ташкил шуд, Президенти Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, Сарвазири Ҷумҳурии Покистон, вазирони корҳои хориҷии кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ, умуман аз 44 мамлакат ва тақрибан 30 созмонҳои байналмилалӣ ҳайатҳо, роҳбарони марказҳои илмиву тадқиқотӣ ва таҳлилии машҳури хориҷӣ ширкат ҷустанд.

Метавон гуфт, ки конфронс барои таҳкими ҳамгароии тарафайни Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ барои ба роҳ мондани салоҳияти нақлиётиву транзитии кишварҳои минтақа, ба бозорҳои якдигар баромадани онҳо, ҷалб намудани сармояҳо, инноватсия ва технологияҳо, фаъолтар кардани мубодилаи башардӯстона ва сайёҳӣ дорои аҳамияти бузург гардид. Агар аз ин нуқтаи назар баҳо диҳем, эътимоди тарафайни сиёсии байни кишварҳо ва муносибатҳои хуби ҳамсоягарӣ дар таърихи кунунии минтақа зинаи мусбат ба шумор меравад. Аз ҳама муҳимаш, иртиботҳои дорои таърихи чандинҳазорсола аз нав барқарор шуданд, саъю ҳаракатҳо муттаҳид гардиданд.

(Давомаш дар саҳ.2).

***Муносибат***

## ТАШАББУСҲОИ НАВИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ӮЗБЕКИСТОН – АСОСИ ПЕШРАФТ ВА РУШДИ УСТУВОРИ МИНТАҚАҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ ВА ҶАНУБӢ



**Абдуҷаббор РАҲМОНЗОДА, Сафири Фавқулодда ва Мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон.**

***15-16 июли соли 2021 дар Тошканд бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев Конфронси байналхалқии дараҷаи олӣ дар мавзӯи «Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ: ҳамгароии минтақавӣ. Таҳдидҳо ва имкониятҳо» баргузор шуд.***

Сатҳи баланди иштирокдорони Конфронс шаҳодати эътибори бузург ва иқдоми қатъӣ барои рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ буд. Чорабинии мазкур бояд платформаро барои рушди ҳамкориҳои тиҷоративу иқтисодӣ ва сармоявӣ, ҳамкории тарафайнро дар соҳаи нақлиёти байни минтақаҳои ҳамҳудуд ташаккул диҳад.

Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон таъкид сохт, ки «Аз қадимулайём робитаҳои қарини байни халқҳои Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ ба пешрафти зеҳниву маънавӣ мусоидат кардаанд, ки ин рушди илм ва тафаккури фалсафиро барои садсолаҳои зиёд таъин намудааст.

(Давомаш дар саҳ.2).

## ИНТИХОБОТИ ПРЕЗИДЕНТӢ: МАЪРАКАИ ИНТИХОБОТ ОҒОЗ ЁФТ

**23 июли соли 2021 ҷамъомади навбатии Комиссияи марказии интихоботи Ҷумҳурии Ӯзбекистон баргузор гардид, ки дар рафти он як рӯйдоди бузурги сиёсӣ — интихоботи Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон оғоз ёфт.**

Дар чорабинӣ роҳбарони ҳизбҳои сиёсӣ, намояндагони институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва воситаҳои ахбори оммавӣ ширкат варзиданд. Қайд карда шуд, ки Комиссияи марказии интихоботӣ 24 октябри соли 2021-ро ҳамчун рӯзи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон таъин кардааст. Ва маъракаи интихоботӣ 23 июли соли равон оғоз меёбад.

Интихоботи президентӣ мувофиқи тағйироте, ки 8 феврали соли ҷорӣ ба моддаи 117 Конститутсияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон ворид карда шуд, моҳи октябр баргузор мешавад.

Раиси Комиссияи марказии интихоботӣ Зайниддин Низомхоҷаев таъкид кард, ки интихоботи президентӣ дар асоси қонунгузории нави миллии интихобот, мувофиқи стандартҳои байналмилалии эътирофшуда, инчунин принсипҳои демократӣ – рӯшод ва ошкоро баргузор мешавад.

Интихобот ба тасдиқи равшани ғояҳои демократии дар Стратегияи амалиёт оид ба панҷ самти афзалиятноки рушди Ҷумҳурии Ӯзбекистон барои солҳои 2017-2021 муайяншуда табдил гардид.

Дар тӯли панҷ соли охир пас аз интихоботи президентии 4 декабри соли 2016 дар ҳаёти мардум ва давлат, ҷомеа ва қонунгузории миллии интихобот тағйироти азим ба амал омаданд. Чӣ тавре ки созмонҳо ва коршиносони бонуфузи байналмилалӣ қайд карданд, дар ин давра барои баланд бардоштани некӯаҳволии мардум дар соҳаҳои иҷтимоию сиёсӣ ва иқтисодӣ ислоҳоти муҳим гузаронида шуданд.

Дар интихоботе, ки бори аввал мувофиқи Кодекси интихоботи Ҷумҳурии Ӯзбекистон баргузор шуд, дар асоси меъёрҳои конститутсионӣ ва стандартҳои байналмилалии интихобот интихоби роҳбари кишвар, яъне Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон, аз рӯи принсипи даврӣ таъмин карда мешавад.

Ғайр аз ин, пас аз ба як адад зиёд шудани шумораи ҳизбҳои сиёсӣ, рақобати байниҳизбӣ ба таври назаррас афзоиш меёбад.

Дар ҷамъомад махсус қайд карда шуд, ки дар маъракаи интихоботӣ барои ҳамаи ҳизбҳои сиёсӣ ва номзадҳои онҳо муҳити рақобати солим ва шароити баробар фароҳам оварда мешавад. Аз болои кор оид ба омодагӣ ва гузаронидани интихоботи президентӣ, аз ҷумла, ҷараёни овоздиҳии интихобкунандагон ҳизбҳои сиёсие, ки номзадии худро пешбарӣ кардаанд, мақомоти худидоракунии шаҳрвандон, ташкилотҳои байналмилалӣ ва намояндагони кишварҳои хориҷӣ, рӯзноманигорон, алалхусус, хориҷӣ - ҳазорон нозирон назорат мекунанд.

(Давомаш дар саҳ.3).

**Фармони Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон**

## ДАР БОРАИ ЧОРАҲОИ ИЛОВАГӢ ОИД БА ДАСТГИРИИ ҲАМАҶОНИБАИ ҶАВОНОН ВА МИНБАЪД БАЛАНД БАРДОШТАНИ ФАЪОЛНОКИИ ҶАМЪИЯТИИ ОНҲО

Дар кишвар ноил шудан ба чунин ҳадафи бузург, ба монанди бунёди Ӯзбекистони нав, ғамхорӣ ва таваҷҷӯҳ зоҳир намудан ба такягоҳи асосии мо — ҷавонони матинирода ва фидокор, инчунин фароҳам овардани шароит ва имкониятҳои зарурӣ барои пурра татбиқ намудани қобилияту нерӯи онҳо дар ҳама соҳаҳо, самти афзалиятноки сиёсати давлатӣ мебошад.

Татбиқи тадбирҳои васеъмиқёсе, ки ба таъмини меҳнати муносиб ва манбаи даромад, омӯзонидани касбҳои муосир ва технологияҳои IT, ҷалби васеи ҷавонписарон ва духтарон ба соҳибкорӣ, ки мактабҳои миёнаи умумӣ, касбӣ ва олиро хатм кардаанд ва ба ҳаёти мустақилона қадам гузошта истодаанд, инчунин ташкили пурмазмуни вақти холии ҷавонон аҳамияти махсус пайдо намуданд.

Танҳо дар давраи гузаштаи 2021 ҷудо кардани **300 миллиард** сӯм барои ҳалли мушкилоти зиндагии **430 ҳазор** нафар ҷавонписарон ва духтарон, додани **2,3 триллион сӯм** қарзҳои имтиёзнок барои лоиҳаҳои соҳибкорӣ **ба беш аз 9,2 ҳазор** а намояндагони насли ҷавон, ҷудо кардани **61 ҳазор гектар** замин барои кишоварзӣ ба **зиёда аз 230 ҳазор** ҷавонони деҳот дар асоси низоми комилан нави кор бо ҷавонон – **«Дафтари ҷавонон»** ва **«Барномаҳои ҷавонон»**, аз густариши миқёси корҳо дар ин самт шаҳодат медиҳанд.

Бо мақсади татбиқи ташаббус ва ғояҳои нав, ки дар **Форуми ҷавонон** ва донишҷӯёни Ӯзбекистон, ки 30 июни соли равон баргузор гардид, пеш гузошта шуданд, инчунин таъмини иҷрои бечунучарои вазифаҳое, ки дар Барномаи давлатии **«Соли дастгирии ҷавонон ва мустаҳкамсозии саломатии аҳолӣ»** муайян шудаанд:

1. **Дар моҳи августи соли 2021** аз ҳисоби буҷаи давлат **барои ҳар як кӯдаки то 18-сола** аз оилаҳои ба «Дафтари оҳанин» дохилшуда **ба маблағи 500 ҳазор сӯм кӯмаки моддии яквақта расонида шавад**.

Ба Раиси Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, ҳокимони вилоятҳо, шаҳри Тошканд, ноҳияҳо (шаҳрҳо), роҳбарони бахшҳо ва воҳидҳои ҳудудии Вазорати дастгирии маҳалла ва оилаҳо – бо назардошти шумораи кӯдакон дар синни то 18-сола аз оилаҳое, ки ба «Дафтари оҳанин» дохил карда шудаанд, ташаккули варақаи пардохт, инчунин расонидани саривақтӣ ва мақсадноки маблағро ба онҳо ҳамчун кӯмаки моддӣ тавассути шуъбаҳои ноҳиявӣ (шаҳрӣ) оид ба дастгирии маҳалла ва оила таъмин намоянд.

2. Тартибе муқаррар карда шавад, ки мувофиқи он:

фарзандони оилаҳое, ки ба «Дафтари оҳанин» дохил карда шудаанд ва дар муассисаҳои таҳсилоти олии давлатӣ таҳсил мегиранд, барои соли хониши аввал дар соли таҳсили 2021/2022, **маблағи пурраи шартномаи пулакӣ аз ҳисоби буҷаи давлат пӯшонда мешавад**;

ба фарзандони оилаҳое, ки ба «Дафтари оҳанин» ва «Дафтар занон» шомил карда шудаанд, инчунин ба ҷавононе, ки ба «Дафтари ҷавонон» дохил карда шуда, бори аввал ақди никоҳ мекунанд, **ба маблағи то 33 миллион сӯм қарзи бегарав барои сохтмони манзили иловагӣ** дар бинои истиқоматии худ ҷудо карда мешаванд;

бо мақсади пурзӯр намудани ҳифзи иҷтимоии оилаҳои ҷавон иловагӣ ба **2 ҳазор** оилаи ҷавон барои хариди манзил бо пардохти аввалия ва пардохти фоизҳо дар доираи барномаи ипотека субсид ҷудо карда мешавад.

3. Муқаррар карда шавад, ки аз **1 сентябри соли 2021** ба донишҷӯёне, ки дар муассисаҳои таҳсилоти олии ҷумҳурӣ дар асоси пуливу қарордодӣ таҳсил мекунанд, қарзҳои таълимӣ ба андозаи **ставкаи асосии фоизии Бонки марказӣ** бо шарти **дар мухлати ҳафтсола**, **аз моҳи ҳафтум сар карда**, пас аз ба охир расидани мӯҳлати таҳсил баргардондан ҷудо карда мешаванд,

Вазорати молия (Ишметов Т.А.) якҷоя бо Бонки марказӣ (Нурмуратов М.Б) ва Вазорати таҳсилоти олӣ ва миёнаи махсус (Тошқулов А.Х.) дар муддати ду ҳафта лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқиро тақдим намоянд, ки тартиби ҷудо кардани қарзҳои таълимиро ба назар мегирад.

4. Вазорати молия (Т. Ишметов) дар **муддати ду моҳ** ба Девони Вазирон лоиҳаи қонунеро ворид мекунад, ки инҳоро пешбинӣ менамояд:

**татбиқи имтиёзҳои андозӣ** ба музди меҳнати андозбандишаванда ва дигар даромадҳои шахсони воқеӣ, ки ба пӯшонидани қарзҳои таҳсилотие, ки бонкҳои тиҷоратӣ барои таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва касбӣ ҷудо кардаанд;

**озодкунӣ аз андози даромад**, ки аз музди меҳнат ва дигар даромадҳои шахсони воқеӣ, ки дар ҳар як давраи андоз барои пӯшонидани мутаносиби қарзҳои ипотекии гирифтаи оилаҳои ҷавон ва фоизҳои аз рӯи онҳо ҳисобшуда, то ба синну соли муқарраршуда расидани ҳамсарон ё яке аз онҳо нигаронда шудаанд, ситонида мешавад.

5. Тартиби **пардохти иловапулӣ ба маоши вазифагии мутахассисони ҷавоне**, ки дар мақомоти давлатӣ, ташкилотҳо ва муассисаҳо кор мекунанд, бакалавр ва магистрро хатм кардаанд ва ё дараҷаи илмӣ (PhD ва дараҷаи дигари илмии ба он баробар)-ро дар муассисаҳои таҳсилоти олии хориҷии ба рӯйхати топ-500-и ташкилотҳои бонуфузи байналмилалии рейтингӣ **дохилшуда** ба даст овардаанд, тибқи замимаи №1 аз ҳисоби буҷети давлатӣ ҷорӣ карда шавад.

Муқаррар карда шавад, ки:

рӯйхати муассисаҳои таҳсилоти олии хориҷии ба рӯйхати топ-500-и ташкилотҳои бонуфузи байналмилалии рейтингӣ дохилшуда аз ҷониби Инспексияи давлатии назорати сифати таҳсилот муайян карда шуда, дар веб-сайти расмии он ҷойгир, дар ВАО нашр карда мешаванд;

**ташаккули рӯйхати самтҳои таҳсилот, ихтисосҳои танг, инчунин мақомоти давлатӣ, ташкилотҳо ва муассисаҳое**, ки дар онҳо иловапулии ҳармоҳа ҷорӣ карда мешавад, аз ҷониби Агентии рушди хизмати давлатӣ амалӣ карда мешавад;

**аз 1 октябри соли 2021** иловапулии ҳармоҳа дар асоси шартномаи байни Агентии рушди хидматҳои давлатӣ, корфармо ва мутахассиси ҷавон ба мӯҳлати **то 3 сол, ҳар моҳ илова** ба маоши мансабии мутахассиси ҷавон пардохт карда мешавад.

6. Аз 1 сентябри соли 2021 дар шаҳри Тошканд **Мактаби тиҷорати ҷавонон** таъсис дода шавад, аз соли 2022 - филиалҳои он дар тамоми минтақаҳо.

Вазифа ва самтҳои асосии фаъолияти Мактаби тиҷорати ҷавонон инҳо муайян карда шаванд:

омӯзонидани ҷавонон **барои ба даст овардани натиҷаҳои беҳтарин** дар фаъолияти соҳибкорӣ ва **усулҳои ҳимоя аз хавфҳо** дар пешбурди тиҷорат бо ҷалби соҳибкорони пешбари ватанию хориҷӣ ва менеҷерони тиҷорат;

(Давомаш дар саҳ.2).



*Филиали «Hydrolife Bottlers»-и ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Hydrolife Nanay»-и вилояти Намангон яке аз корхонаҳое мебошад, ки воҳаро бо оби тозаи ошомидании қадоқкардашуда таъмин месозад. Ба ин лоиҳа ба миқдори 1,2 миллион доллари ИМА маблағи худи корхона ва 250 ҳазор долларина воми бонк равона карда шудааст. Об аз 200 метр чуқурӣ бароварда шуда, аз филтри ҳафтқабата гузаронда мешавад ва маҳсулоти 5-10 литрӣ ҳосил карда мешавад.*

*Агар корхона бо қувваи пурра корро оғоз намояд, боз 200 нафар бо кор таъмин мегардад.*

***Дар сурат:*** *дар филиали ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Hydrolife Nanay».*

***Суратгир: Ҳ. МАМАДАЛИЕВ. ЎзА.***

# ТАШАББУСҲОИ НАВИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН – АСОСИ ПЕШРАФТ ВА РУШДИ УСТУВОРИ МИНТАҚАҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ ВА ҶАНУБӢ

(Аввалаш дар саҳ.1).

Тавре ки маълум аст, бинобар вазъияти таърихӣ дар қарни XIX робитаҳои тарафайни байни минтақаҳои мо халалдор гардиданд. Монеа ва зиддиятҳои мухталифе ба миён омаданд, ки бинобар онҳо алоқаҳои аз қадимулайём вуҷуддоштаи байни Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ канда шуданд.

Бояд қайд кард, ки алҳол, дар замони трансформатсияҳои ҷаҳонӣ, ҳангоме ки олам ба таҳдид ва хуруҷҳои нав ру ба рӯ мегардад, тамоми кишварҳои Осиёи Марказӣ аз эҳёи робитаҳои тарафайн манфиатдор мебошанд. Бешубҳа, муттаҳид сохтани саъю кӯшишҳои муштарак бобати зиёд кардани ҳаҷми содирот ва диверсификатсияи иқтисодиёт, ворид шудан ба бозорҳои нави хориҷӣ, ҳамчунин фароҳам овардану истифода бурдани хатсайрҳои нави нақлиётӣ такони пурқувват хоҳад дод.

Дар ҷараёни Конфронс Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон бо ташаббусҳои муҳиме баромад кард, ки ба қаробати минбаъда ва рушди ҳамкориҳои қарини ду минтақа мусоидат менамоянд.

Президент ба рушди алоқаҳои тиҷоративу иқтисодӣ аҳамияти аввалиндараҷа дод. Ба ин маънӣ ҳар сол баргузор кардани анҷумани байниминтақавӣ ба мақсади баррасии масъалаҳои рузмарраи вусъат додани ҳамкориҳои иқтисодӣ, амиқ сохтани кооператсия ва ҳамкориҳои тарафайни сармоявии кишварҳои мо пешниҳод гардид.

Иқтидорҳои энергетикии кишварҳои Осиёи Марказӣ барои иқтисодиёти рӯзафзуни Осиёи Ҷанубӣ ҷолиб мебошанд, ки барои бомуваффақият татбиқ сохтани лоиҳаҳои энергетикӣ, ки дар байни онҳо CASA-1000 оид ба содироти энергияи электр аз Тоҷикистон ва Қирғизистон ба Афғонистон ва Покистон; сохтмони нақли гази Туркманистон – Афғонистон – Покистон – Ҳиндустон; сохтмони хатти нақли электрии «Сурхон – Пули Хумрӣ» оид ба вобаста кардани Кобул ба низоми ягонаи энергетикии Ўзбекистон ва Осиёи Марказӣ, ҳамчунин баррасии он ҳамчун як қисми лоиҳаи CASA-1000 ҳастанд, имконият фароҳам меоваранд.

Маълум аст, ки кишварҳои Осиёи Марказӣ барои озодона ворид шудан ба бандаргоҳҳои байналмилалии баҳрӣ имконият надоранд ва бо тафриқа аз кишварҳое, ки ба коммуникатсияҳои баҳрӣ дастрасии озодона доранд, хароҷоти зиёди нақлиётиву транзитӣ мекунанд. Вобаста ба ин лоиҳаи сохтмони роҳи оҳани «Тирмиз – Мазори Шариф– Кобул – Пешовар», ки бояд ҷузъи муҳими тамоми ин меъмории ба якдигар алоқаманди минтақаҳои мо гардад, сазовори эътибори махсус мебошад.

Сохтмони ин роҳи оҳан ворид шудан ба бандаргоҳҳои баҳрии Покистон «Қарочӣ», «Касим» ва «Гвадар», ҳамчунин пайвастани низоми роҳи оҳани Осиёи Ҷанубиро бо низоми роҳҳои оҳани Осиёи Марказӣ ва Авроосиё таъмин менамояд, иқтидори транзитии Осиёи Марказиро хеле баланд мебардорад.

Бешубҳа, рушди минбаъдаи ҳамкориҳои иқтисодии байни кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ аз танзими ҳарчи зудтари вазъият дар Афғонистон вобаста мебошад, ки ин кишвар пули байни ду минтақа ба шумор меравад.

Тоҷикистон ва Ўзбекистон, ки бо Афғонистон ҳамсарҳад мебошанд, дар саргаҳи мубориза бо таҳдидҳое, ки аз ҳудуди ин кишвари ҳамсоя бармехезанд, қарор доранд ва дар роҳи ҳаллу фасли зиддияти Афғонистон нақши муҳим мебозанд.

Мо Афғонистонро қисмати ҷудонопазири минтақаи худ меҳисобем. Татбиқ сохтани лоиҳаҳои нақлиётӣ ва энергетикӣ дар ҳудуди Афғонистон барои вусъат додани имкониятҳо бинобар тезондани робитаҳои тиҷоративу иқтисодӣ ва сармоявии байни кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубӣ шароитҳои зарурӣ фароҳам меоварад, ҳамчунин ба ҷараёнҳои байналхалқӣ ва минтақавии иқтисодӣ фаъолона ҷалб сохтани Афғонистонро таъмин мекунад.

Дар ҷараёни конфронс аз ҷониби Президенти Ўзбекистон боз дигар ташаббус ва пешомадҳои муҳим, ки ба ҳифзи муҳити атроф ва ҳавасмандгардонии инкишофи «иқтисоди сабз», кушода додани имкониятҳои сайёҳии Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ вобаста буданд, садо доданд. Вусъат додани алоқаҳои илмӣ, маданиву инсонпарварона, нақши ҷавонон дар ҳаёти ҷомеаи кунунӣ низ эътибори ҷиддиро тақозо доранд.

Бояд таъкид намуд, ки таклифҳои аз ҷониби Шавкат Мирзиёев пешниҳодшуда ба самтҳои афзалиятноки сиёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамоҳанг мебошанд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми ҳарсолааш ба Парлумон таъмин сохтани рушди устувори иқтисодӣ, диверсификатсияи иқтисодиёт, дар иқтисодиёт ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ, инкишоф додани инфрасохтори нақлиётӣ, ташкил кардани асосҳо барои ҷорӣ кардани «иқтисодиёти сабз»-ро бо назардошти тағйироти иқлим, ҳамчунин таъмин кардани амнияти хӯрокввориро аз ҷумлаи вазифаҳои аввалиндараҷа эълом дошт.

Алъон бо эътимод метавон гуфт, ки муносибатҳои байни кишварҳои бародари мо ва халқҳоямон дар раванди дӯстӣ, некҳамсоягӣ ва эҳтироми тарафайн бомуваффақият инкишоф меёбанд. Хурсандиовар аст, ки мулоқоти муътамад ва ҳусни тафоҳуми комили байни сарони муҳтарами ду мамлакат – Эмомалӣ Раҳмон ва Шавкат Мирзиёев барои таҳкими шарикии стратегии бисёрҷанбаи тоҷикистониву ўзбекистонӣ ҳамчун асос хидмат мекунанд.

Муносибатҳои тоҷикистониву ўзбекистонӣ ҳамчун ҷузъи асосӣ аз ҳар ҷиҳат ба сатҳи ҳамкориҳо дар доираи тамоми минтақаи Осиёи Марказӣ таъсир мерасонанд. Муҳити тағйирёбанда дар хонаи умумии мо барои бомуваффақият ҳаллу фасл кардани мушкилоти барои кишварҳоямон умумии иҷтимоиву иқтисодӣ ва экологӣ платформаи куллан нав фароҳам меоварад, имкониятҳои муштараки моро барои аксуламали самарабахш бо таҳдид ва хуруҷҳои нав чандин карат зиёд мекунад, ҳамчунин ин ҳамкории сермаҳсул барои шукуфоии тамоми минтақа мусоидат менамояд.

Мо ба он эътимод дорем, ки ташаббусҳои дурбинонаи Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев, ки аз минбари Конфронси байналмилалӣ садо доданд ва сиёсати мустақими ў бинобар таҳкими некҳамсоягӣ ва ҳамкорӣ дар минтақа, ки ба воқеият асос мекунанд, ба ҳамкориҳои бомуваффақияти тарафайн дар ҳаллу фасли мушкилот ва таҳдидҳои барои мо умумӣ мусоидат менамоянд.

**Фармони Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон**

# ДАР БОРАИ ЧОРАҲОИ ИЛОВАГӢ ОИД БА ДАСТГИРИИ ҲАМАҶОНИБАИ ҶАВОНОН ВА МИНБАЪД БАЛАНД БАРДОШТАНИ ФАЪОЛНОКИИ ҶАМЪИЯТИИ ОНҲО

(Аввалаш дар саҳ.1).

омўзонидани ҷавонон ба соҳибкории шавқдошта, **асосҳои тиҷорат ва соҳибкорӣ**, рушди малакаи онҳо дар пешбурди тиҷорати муосир, гузаронидани семинарҳо ва тренингҳои ҳавасмандгардонии соҳибкорӣ.

Девони Вазирон дар муддати як моҳ дар бораи ташкили фаъолияти Мактаби тиҷорати ҷавонон қарор қабул кунад.

7. **Аз 1 октябри соли 2021** амалияи ташкили **озмунҳо барои ғояҳои стартапи ҷавонон «Қадами аввал ба тиҷорат»**, инчунин ҷудо кардани грантҳо ба ҳадди ақалл ба се ғолиб дар ҳамаи ноҳия ва шаҳрҳо ҷорӣ карда шавад.

Муқаррар карда шавад, ки барои ҳар як лоиҳаи беҳтарин маблағҳои грантӣ то **200 баробари арзиши ҳисобшудаи заминавӣ** дар доираи 100 миллиард сўм ҷудо мегардад, ки иловагӣ аз буҷаи давлатӣ дар солҳои 2022-2023 ҷудо карда мешаванд.

Ба Вазорати рушди иқтисодӣ ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ (Қўчқоров Д.А.), Вазорати рушди инноватсионӣ (Абдураҳмонов И.Ю.), Вазорати молия (Абруев Ж.И.) ва Агентии кор бо ҷавонон (Саъдуллоев А.З.) супурда шавад, ки:

дар тўли як моҳ тартиби ташкили кушод ва ошкороии озмунҳои ғояҳои стартап, меъёрҳои арзёбии лоиҳаҳо ва тартиби ҳамоҳангсозии татбиқи онҳоро тасдиқ кунад;

якҷоя бо Раиси Шўрои Вазирони Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, ҳокимони вилоятҳо, шаҳри Тошканд, ноҳияҳо (шаҳрҳо) барои татбиқи ғояҳои стартап кўмак расонанд.

8. Ба зиммаи ҶС «Бонки миллии фаъолияти иқтисоди хориҷии Ҷумҳурии Ўзбекистон» **вазифаи маблағгузории лоиҳаҳои тиҷоратӣ ва стартапии инноватсионии ҷавонон, ки дар асоси ғояҳои нав таҳия шудаанд**, гузошта шавад.

Фонди таҷдид ва рушд ба ҶС «Бонки миллии фаъолияти иқтисоди хориҷии Ҷумҳурии Ўзбекистон» ҷиҳати иҷрои вазифаҳои дар банди мазкур муқарраршуда ба маблағи **100 миллион доллари ИМА ба мўҳлати 7 сол, аз ҷумла давраи имтиёзи сесола бо ставкаи фоизии аз ставкаи асосии Бонки марказӣ ба чор банди фоизӣ камтар** ҷудо намояд.

9. Вазорати маорифи халқ (Шерматов Ш.Х.) ва Вазорати таҳсилоти олӣ ва миёнаи махсус (Тошқулов А.Х.) якҷоя бо Инспексияи давлатии назорати сифати таълим (Тошкенбоев У.Н.) аз соли таҳсили 2021/2022 сар карда **марҳила ба марҳила** дарсҳои технологияҳои иттилоотиро дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, миёнаи махсус, касбӣ ва олӣ мутобиқи барномаи Кембриҷ, инчунин бозомўзии омўзгоронро дар асоси ин барнома таъмин намоянд.

Вазорати рушди технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсия (Садиков Ш.М.) пайвастшавии ҳамаи мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумиро ба интернети баландсуръат **то охири соли 2021** пурра ба анҷом расонад.

10. Тартибе муқаррар карда шавад, ки мувофиқи он:

ҳамасола дар **арафаи Рўзи ҷавонони Ҷумҳурии Ўзбекистон** дар асоси пешниҳод ва ташаббусҳо, мушкилот ва ҳалли онҳо, ки аз ҷониби ҷавонон расидаанд, **Барномаи ҳукумат**, инчунин **барномаҳои ҷудогонаи ҳудудии** Шўрои Вазирони Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, ҳокимиятҳои вилоятҳо, шаҳри Тошканд, ноҳияҳо ва шаҳрҳо қабул карда мешаванд;

ин барномаҳо **маҷмўи чорабиниҳоро дар бар мегиранд, ки ба азхуд кардани дониш ва касб, фароҳам овардани шароити муносиб барои кор ва зиндагӣ, инчунин ташкили пурмазмуни вақти холӣ барои ҷавонон равона карда шудаанд**.

Агентии кор бо ҷавонон (Саъдуллоев А.З.) якҷоя бо Шўрои Вазирони Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, ҳокимиятҳои вилоятҳо ва шаҳри Тошканд, **аз соли 2022 сар карда, ҳамасола то 1 июн** ба Девони Вазирон лоиҳаи Барномаи ҳукуматиро, ки дар банди мазкур зикр шудааст, тақдим намояд, инчунин қабули барномаҳои ҳудудиро ташкил намояд.

11. Ба Сенати Олий Маҷлис тавсия дода шавад:

а) бо мақсади татбиқи самарабахши сиёсати давлатии ҷавонон:

барқарор намудани **назорати муассири парлумонӣ** барои таҳия, тасдиқ ва татбиқи пурраи саривақтии Барномаҳои ҳукуматӣ ва ҳудудие, ки дар банди 10 ин қарор муайян шудаанд, инчунин **ҳамоҳангсозии фаъолияти Шўроҳои вакилони халқ** дар ин самт;

**ҷорӣ намудани системаи рейтингӣ** барои арзёбии татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон дар минтақаҳо;

**ташаккули захираи кадрҳои насли нав** аз ҳисоби ҷавонони фаъол ва ташаббускор;

таъсис дар Кенгашҳои депутатҳои халқ **«Мактаби намояндагони Парлумони ҷавонон»**;

б) якҷоя бо Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис:

**ҷорӣ намудани тартиби ҳисоботдиҳии** роҳбарони масъули татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон дар назди палатаҳои Олий Маҷлис ва Кенгашҳои дахлдори вакилони халқ;

татбиқи ташаббуси **«Мо ҷавононро дар парламент дастгирӣ мекунем»**;

ба депутатҳои Палатаи қонунгузорӣ ва аъзои Сенати Олий Маҷлис дар асоси тавсияҳои маҷлисҳои вакилони халқ вобаста намудани ҷавонони собитқадам ва фидокор.

12. Агентии рушди хидматҳои давлатӣ (О. А. Ҳасанов) захираи кадрҳои насли нави аз ҷониби Сенати Олий Маҷлис ташаккулёфтаро ба Захираи миллии кадрҳо дохил кунад ва пешбарии онҳоро ҳамчун номзадҳои асосӣ ба вазифаҳои роҳбарӣ таъмин намояд.

13. Муқаррар карда шавад, ки **аз 1 сентябри соли 2021** бо мақсади ҷалби ҷавонон ба муназзам шуғл варзидан бо варзиш дар минтақаҳо аз ҷониби варзишгарон-мураббиён, ки ғолибон ва ҷоизадорон (ҷойҳои 1-3-юм)-и Бозиҳои олимпӣ ва паралимпӣ, Осиё ва Параосиё, чемпионатҳои ҷаҳон, Осиё ва ҷумҳурӣ дар 5 соли охир мебошанд, инчунин варзишгар-мураббиён, ки дар минтақаҳои дурдаст ва душворгузар фаъолият мекунанд:

биноҳо ва иншооти холӣ, ки моликияти давлатӣ мебошанд, **ба андозаи 50 фоизи меъёри ҳадди ақалли иҷораи** барои ин объект муқарраршуда бидуни гузаронидани тендерҳои электронӣ бо мақсади ташкили фаъолияти клубҳои варзишӣ ба иҷора дода мешаванд;

субсидияҳо барои хариди **таҷҳизот, ашё ва асбобҳои варзишӣ** аз ҳисоби маблағҳои буҷа ҷиҳати ташкили фаъолияти клубҳои варзишӣ ҷудо карда мешаванд;

пардохти ҳармоҳаи **на камтар аз 10 баробари** андозаи пойгоҳи ҳисобшуда аз ҳисоби буҷетҳои маҳаллӣ дар ҳоли аз ҷониби онҳо ҷалб карда шудани на камтар аз **100 нафар ҷавонон ба шуғли мунтазам бо варзиш** ҷорӣ карда мешавад.

14. Бо мақсади ҳавасмандгардонии муаллифони асарҳои бадеӣ аз **1 октябри соли 2021** озмуни ҳарсолаи **«Беҳтарин китоб барои кўдакон ва ҷавонон»** ташкил карда шавад.

Муқаррар карда шавад, ки ба муаллифони ғолиби ин озмун барои ҷои аввал – **100 миллион сўм**, барои ҷои дуюм – **75 миллион сўм**, барои ҷои сеюм – **50 миллион сўм** мукофот ҷудо карда мешавад.

Вазорати молия (Т.А. Ишметов) амалӣ гардондани хароҷоти марбут ба пардохти мукофотро аз ҳисоби маблағҳои ба Агентии кор бо ҷавонон барои соли 2021 ҷудошуда таъмин намояд, аз соли 2022 – ҳамасола ҷудо кардани маблағҳои заруриро дар параметрҳои буҷети давлатӣ ба назар гирад.

**15. Барномаи тадбирҳои иловагӣ оид ба таъмини иҷрои вазифаҳои афзалиятнок дар соҳаи сиёсати давлатии ҷавонон, ки дар Форуми ҷавонон ва донишҷўёни Ўзбекистон муайян шудаанд, мувофиқи замимаи №2 тасдиқ карда шавад.**

Ба зиммаи роҳбарони вазорату идораҳо, Раиси Шўрои Вазирони Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, ҳокимони вилоятҳо ва шаҳри Тошканд барои саривақт ва босифат иҷро намудани вазифаҳои дар Барномаи чорабиниҳо муайяншуда **ҷавобгарии шахсӣ** гузошта шаванд.

16. Агентии кор бо ҷавонон (Саъдуллоев А.З.) якҷоя бо вазорату идораҳои манфиатдор **дар муддати ду моҳ** ба Девони Вазирон дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои қонунгузорӣ, ки аз Фармони мазкур бармеоянд, пешниҳод тақдим намояд.

17. Ба зиммаи муовини Сарвазир **Б. А. Мўсоев** ва директори Агентии кор бо ҷавонон **А. З. Саъдуллоев** масъулияти шахсӣ барои ташкили самарабахши иҷрои Фармони мазкур гузошта шавад.

Дар ҳар семоҳа баррасӣ намудани ҷараёни иҷрои Фармон, ҳамоҳангсозӣ ва назорати фаъолияти ташкилотҳое, ки барои иҷрои он масъуланд, ба зиммаи Сарвазири Ҷумҳурии Ўзбекистон А.Н.Арипов ва мушовири Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон А.А. Абдувахитов гузошта шавад.

Дар бораи самаранокии тадбирҳои андешидашуда то 31 декабри соли 2021 ба Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон маълумот дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Ш. МИРЗИЁЕВ**

*Шаҳри ТОШКАНД,*
*13 июли соли 2021.*

# ДУ КЛИНИКАИ ХУСУСӢ – ДАР ХИДМАТИ МАРДУМ

**Дар деҳаи Яккатути ноҳияи Бешариқи вилояти Фарғона ба маблағи 7 миллиард сўм бинои нави клиникаи хусусӣ бунёд гардид. Он марбути ҷамъияти саҳҳомии масъулияташ маҳдуди “Ixlos med center” мебошад.**

Тавре ки ҷонишини ҳокими вилоят Файзулло Қосимов дар маросими ифтитоҳи он гуфт, ин клиника аз нигоҳи таъминот дар вилояти Фарғона беназир аст.

– Барои муҷаҳҳаз намудани клиникаи нав 3 миллиард масраф шудааст ва дастгоҳҳои он ба талаботи замон пурра ҷавобгў мебошанд, – изҳор намуд Қосимов.

Вай таъкид варзид, ки дар Соли дастгирии ҷавонон ва мустаҳкам кардани саломатии аҳолӣ дар ноҳияи Бешариқ арзи вуҷуд намудани чунин бинои наву муҷаҳҳаз ҳодисаи хурсандибахш аст.

***

**Дар маркази ноҳияи Ўзбекистони вилояти Фарғона бинои нави Маркази хизматрасонии тиббии “Ideal shifo med center” сохта ва мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт.**

Сохтану ба истифода супурдани он 5,5 миллиард сўмро тақозо намудааст.

Дар клиника беморон метавонанд тавассути дастгоҳҳои ташхискунандаи ЭКГ ва ЭХО худро муоина ва баъдан ба муолиҷаи он машғул шаванд. Клиника дорои 80 кати муолиҷавӣ мебошад. Лаборатория, ду дорухона, утоқҳои физиотерапия, фитобар ва фитнес дар ихтиёри беморон аст.

Баробари ба кор шурўъ намудани ин клиника 35 нафар бо кор таъмин шудаанд. Ҷиҳати афзалиятноки клиникаи хусусӣ боз дар он мебошад, ки духтурон ба беморони сактаи қалб, бемориҳои занона, дохилӣ, асаб ва амсоли он мубталошуда низ хидмат мерасонанд. Гуфта мешавад, ки таҷҳизот ва дастгоҳҳои ин клиника барои ҷарроҳӣ намудани як идда беморон низ мусоидат менамояд ва зарурат пеш нахоҳад омад, ки ин беморон ба шифохонаи маркази вилоят интиқол ёбанд.



**Мирасрор АҲРОРОВ, мухбири “Овози тоҷик”.**

*Вилояти ФАРҒОНА.*

# ДАР ОСТОНАИ ЗИНАИ НАВИ ЭЪТИМОДИ ТАРАФАЙН ВА ҲАМРАЪЙӢ

(Аввалаш дар саҳ.1).

Президенти кишвари мо дар суханронии худ вобаста ба мақсадҳои мазкур ташаббусҳои муҳимро пеш гузошт. Муҳимияти ҳамкориҳои тиҷоративу иқтисодӣ таъкид гардид, баррасӣ намудани масъалаҳои муҳими ин соҳа, васеъ кардани робитаҳои кооператсионӣ ва сармоявӣ, ҳар сол баргузор сохтани анҷумани байниминтақавӣ пешниҳод шуд.

Ҳамчунин, ба масъалаи бунёди инфрасохтори нақлиётиву логистикие, ки Осиёи Марказӣ ва Ҷанубиро пурсамар ва бехатар ба ҳамдигар мебандад, эътибори ҷиддӣ дода шуд. Таъкид гардид, ки сохтмони роҳи оҳани «Тирмиз – Мазори Шариф – Кобул – Пешовар» дар ин бобат ҳалқаи муҳим аст. Ин роҳи оҳан имкон медиҳад, ки салоҳиятҳои транзити ду минтақа пурра амалӣ шаванд ва масофаи боркашониву муҳлати иҷрои он хеле коҳиш ёбад. Бинобар ҳамин ҳам лоиҳаи мазкур аз ҷониби давлатҳои иштирокдор ва идораҳои байналмилалии молиявӣ ҳамаҷониба дастгирӣ карда мешавад.

Воқеан ин лоиҳа низоми роҳи оҳани Осиёи Ҷанубиро бо низоми роҳи оҳани Осиёи Марказӣ ва Авроосиё мепайвандад. Дар натиҷа салоҳияти транзиди Осиёи Марказӣ беш аз пеш меафзояд.

Боз як ҷиҳати муҳим ин буд, ки дар конфронси байналмилалӣ аз ҷониби Президенти кишвари мо таҳти васояти Созмони хоҷагии хўрокворӣ ва кишоварзии СММ ташкил кардани мулоқоти вазирони хоҷагии қишлоқи кишварҳои минтақа ва кор карда баромадани барномаи муштараки он пешниҳод шуд. Таъкид гардид, ки ҳангоми коркарди ҳуҷҷати мазкур таттбиқ сохтани технологияҳои пешқадам, тайёр кардани лоиҳаҳои муштарак ва баргузор намудани тадқиқоти вобаста ба он мавриди назар қарор дода шавад.

Пўшида нест, ки солҳои охир бо хўроквории босифат таъмин кардани аҳолӣ, инкишоф додани хоҷагии қишлоқ ба масъалаи муҳим табдил ёфтааст. Бахусус дар шароити пандемия таъмин намудани бехатарии хўрокворӣ ба масъалаи беш аз пеш ҷиддӣ мубаддал гардид, норасоии озуқаворӣ хатари торафт бештар эҷод мекунад. Масъалаи бехатарии хўрокворӣ гарави таъмин сохтани истиқрори иҷтимоиву иқтисодӣ ва сиёсии тамоми давлатҳо ба шумор меравад. Дар вазъи мушкили кунунӣ таъмин сохтани бехатарии озуқаворӣ аз вазифаҳоест, ки бояд ҳарчи зудтар ҳаллу фасл шавад.

Фикр мекунам, бахусус баррасии масъала дар сатҳи ҳамҷамъияти байналхалқӣ, ҳамчунин таҳти раёсати Созмони хўрокворӣ ва кишоварзии СММ баргузор кардани воҳўрии вазирони хоҷагии қишлоқи кишварҳои минтақа, пешниҳоди коркарди барномаи муштарак барои бо маҳсулоти бехавф ва босифати озуқаворӣ таъмин кардани давлатҳо боз як қадами муҳим мегардад. Вай салоҳияти онҳоро баланд бардошта, боиси инкишоф ёфтани соҳаи хоҷагии қишлоқ мешавад.

Умуман, муҳити эътимоди тарафайн ва рўҳияти ҳамгароии мулоқот сабаби дар тамоми соҳаҳо хуб ба роҳ мондани муносибатҳои дўстӣ, ҳамсоягии нек ва шарикии стратегии кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубӣ гардида, боиси беш аз пеш ривоҷ ёфтани минтақа ва мустаҳкамтар шудани алоқаҳои ҳамкории бисёрҷанба хоҳад шуд. Беҳтару бештар гардидани саъю ҳаракатҳои байналхалқӣ сабаби ба амал татбиқ шудани лоиҳаҳои тиҷоративу иқтисодии минтақавӣ ва инфрасохторӣ, дар минтақа ба миён омадани нуқтаҳои нави пешрафт мегардад.

**Дилором ИМОМОВА,**
**узви фраксияи ҲХД Ўзбекистон дар Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис.**

*Ӯзбекистони нав – ҳамсоягии нав*

# ҲОШИМ ГАДОЕВ – ҲУНАРПЕШАИ БЕҲАМТО

Президенти Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев зимни ташрифи расмиаш ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мулоқотҳояш ба Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон доир ба ҳамкорӣ бобати ба навор гирифтани филми муштарак дар бораи дӯстии Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ ва Мир Алишери Навоӣ пешниҳоди худро иброз дошт. Сарвари Тоҷикистон аз ин ғоя пуштибонӣ намуд. Ин иқдом аз ҷониби рӯшанфикрон, алалхусус, устодони кинои ду кишвар бо хушнудӣ қабул гардид. Чанде пеш ин мавзӯъ дар вохӯрии директори генералии Агентии кинематографияи Ӯзбекистон Фирдавс Абдухолиқов бо Сафири Фавқулодда ва Мухтори Тоҷикистон дар Ӯзбекистон Абдуҷаббор Раҳмонзода низ мавриди баррасӣ қарор гирифт. Бояд гуфт, ки барои татбиқи амалии ин пешниҳоди хеле муфид ҳоло дар назди Агентии кинематографияи Ӯзбекистон гурӯҳи эҷодии иборат аз рӯшанфикрони ду кишвар ташкил шудааст. Ногуфта намонад, ки қабл аз сафари расмии Президенти Ӯзбекистон дар Тоҷикистон Рӯзҳои кинои ӯзбек бомуваффақият сурат гирифта буд. Аз ҷумла, филми бадеии “Илҳоқ”, филмҳои мустанади “Дар зери осмони ягона”, “Абдураҳмони Ҷомӣ”, “Қалби халқ” дар кинотеатр ва шабакаҳои телевизион бевосита ба забони тоҷикӣ садо доданд.

Аслан ҳамкории киноэҷодгарони ӯзбеку тоҷик аз солҳои 30-юми асри гузашта оғоз ёфтааст ва анъанаҳои нек дорад. Дар сари гаҳвораи ин ҳамкорӣ арбоби бузурги кино Комил Ёрматов қарор дошт. Бисёр филмҳои ду кишварро ба забон гирифтан мумкин аст, ки дар онҳо ҳунарпешагони ду ҷумҳурӣ иштирок намуда, иқтидору маҳорати худро намоиш додаанд ва боиси эътирофи тамошобинони сершумор гардидаанд. Масалан, иштироки ҳунарпешагони Тоҷикистон Ато Муҳаммадҷонов ва Сайрам Исоева дар филми “Найрангҳои Майсара” савияи ин филмро хеле боло бурдааст. Ё худ дар филми “Шикорӣ аз Минархар”-и маҳсулоти “Тоҷикфилм” қариб даҳ нафар ҳунарпешагони ӯзбек, мисли Набӣ Раҳимов, Ёдгор Саъдиев, Раҷаб Адашев ва дигарон ҷалб шудаанд.

Актёри кино ва театр, коргардон, Ҳунарпешаи мардумии Иттиҳоди Шӯравӣ, дорандаи Ҷоизаи давлатиии Тоҷикистон ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Арбоби фарҳанги Тоҷикистон Ҳошим Гадоев ҳам нахустин нақшро дар кино соли 1963 дар филми “Ситораҳои Улуғбек” бозидааст. Пас аз он ӯ дар беш аз 100 филму спектаклҳои коргардонони тоҷик ва хориҷӣ нақш офарид. Он гоҳ ӯ хеле ҷавон буд. Соли 1960 Донишкадаи давлатии санъати театрии ба номи Луначарскийи Москваро хатм намуда, ба Театри академиву драмавии ба номи Абулқосим Лоҳутии Душанбе ба кор оғоз намуд. Дар Театри ба номи Камоли Хуҷандӣ (он вақт ба номи Пушкин буд) ӯ дар як сол (1960) се асарро ба саҳна гузошт: “Ишқи араб” (П.Мериме), “Бемории ногаҳонӣ” (Ҳ.Содиқ) ва “Иҷоранишин” (Ф.Ансорӣ). Соли 1964 курси олии режиссёрии ГИТИС-ро ҳам хатм намуд.

Аммо чун коргардон хаёл ҳам намекард, ки нақши аввалини киноро дар филми “Ситораҳои Улуғбек” (Абдулатиф) бозӣ мекунад. Коргардони филм Латиф Файзиев ба ҳунари баланди иҷрои Ҳошими ҷавон қоил шуда, минбаъд ӯро дар филмҳои дигари “Ӯзбекфилм” низ даъват кардааст.

Моҳи майи соли 1989 Театри академиву бадеии ба номи Лоҳутии шаҳри Душанбе бо сафари ҳунарии якмоҳа ба Тошканд омад, Театри ба номи Ҳамза бошад, як моҳ ба Душанбе “кӯчид”. Ман, ки дар Душанбе спектакли “Эдип”-ро дида, аз тамошояш ба ваҷд омада будам, хеле мехостам, ки дар саҳнаи Театри ба номи Ҳамзаи Тошканд ҳам онро бубинам. Ҳошим Гадоев ба мусоҳиба барои рӯзнома розӣ нашуд, ӯ боисрор мегуфт, ки дар борааш чизе нанависем.

– Чаро аз суҳбат мегурезед,– гуфтам ман ҳам бори чандум якравӣ карда.

– Чунки журналистон маро ранҷондаанд, аз ин рӯ намехоҳам боз ба доми суҳбати баъзан дилхиракунандаи онҳо афтам.

Баъди каме суҳбат пеш аз спектакл дар толори театр оқибат ба мусоҳиба барои рӯзномаи “Ҳақиқати Ӯзбекистон” (ҳоло «Овози тоҷик») розӣ гардид. Суратгирамон марҳум Неъматҷон Шарипов низ аз пайи кор шуд. Аз мусоҳиба маълум шуд, ки устодаш актёр ва коргардони машҳури шӯравӣ Николай Охлопков, ки драмаҳои “Гамлет” ва “Отелло”-ро ба саҳна гузоштааст, ҳангоми донишҷӯӣ ба Ҳошими ҷавон маслиҳат дода будааст, ки рӯзе нақши “Эдип”-ро офарад. Ҳошим Гадоев қариб чоряк аср дар орзуи бозидан ва ба саҳна гузоштани “Эдип” буд. Пешгӯии Н. Охлопков рост баромад. Ӯ гуфта буд: “Ман шогирди бисёр тарбия кардам, аммо мисли Ҳошим шогирди боистеъдоду саркашро надидаам. Ҳошим режиссёре хоҳад шуд, ки роҳи худро дорад, вай ҳамеша дар ҷустуҷӯ аст”.

Суҳбати мо бо Ҳошим Гадо дар соҳили дилрабои рӯди Анҳор ва кӯчаҳои зебои Тошканд давом кард. Ӯ сари ҳар қадам аз дӯстию ҳамкориаш бо устодони санъати ӯзбек, хусусан Шукур Бурҳонов, Латиф Файзиев, Зикир Муҳаммадҷонов самимона ҳарф мезад. Баъди офаридани нақши Абдулатиф ӯ роли Низомиддинро дар филми “Наташахонум”, Бобои Паштуниро дар “Хизмат ба Ватан”, Қудратро дар “Бедоршавӣ” бо маҳорати баланд офарид. Бо Олим Хӯҷаев, Соро Эшонтӯраева, Набӣ Раҳимов ва дигар устодони кинои ӯзбек маҳфилҳо ороста сазовори эҳтироми онҳо гардида буд.

– Боре дар Самарқанд гастрол доштем. Ман дар “Макр ва муҳаббат”-и Шиллер нақши Фердинандро иҷро мекардам. Шукур Бурҳонов аз Тошканд ба Самарқанд омада, дар толор нишаста будаанд. Пас аз спектакл гуфтанд: “Ман ҳам ин нақшро бозидаам”. Пас аз дақиқаи хомӯшӣ бо табассуми малеҳ гуфтанд: “Лекин ту аз ман гузарондӣ”. Ин баҳои актёри забардаст, ман – як актёри ҷавонро рӯҳбаланд кард, ба иҷрои нақшҳои фавқулмураккаб боз ҳам шердилтар намуд”.

Ва ниҳоят Ҳошим Гадоев ба орзуяш расид Ӯ “Эдип”-ро ба саҳна гузошт ва нақши асосиро худаш бозид. Саҳнаи театри ба номи Ҳамза пас аз вафоти Шукур Бурҳонов солиёни дароз “Эдип”-ро надида буд. Эдипи Ҳ.Гадоев он рӯзҳо аз имтиҳони сахти мутахассисон ва тамошобинон гузашт.

Соро Эшонтӯраева, ҳунарпешаи халқии СССР зимни суҳбат бо мо чунин гуфта буд:

– **Ман ба сифати санъаткор дар назди маҳорати Ҳошим Гадоев сари таъзим фуруд меорам.**

Тӯроб Тӯла, Шоири халқии Ӯзбекистон, он замон директори театри Ҳамза:

– **Аз ин саҳна бисёр устодони забардасти санъат, аз қабили Аброр Ҳидоятов, Обид Ҷалилов, Шукур Бурҳонов ҳунарнамоӣ кардаанд. Ҳошим Гадоев дар ин саҳна бо Эдипаш ҳамаи моро моту мабҳут намуд.**

Муҳсин Қодиров, доктори илмҳои санъатшиносӣ:

– **Спектакл таҷриба ва маҳорати ғании Ҳошим Гадоевро ҳам дар офаридани симои Эдип ва ҳам дар режиссура собит сохт.**

Ҳамин зайл, мақола дар бораи роҳи зиндагӣ ва ҳунарии ин марди кор бо номи “Парвози Ҳошим Гадоев” аз саҳифаи рӯзномаи “Ҳақиқати Ӯзбекистон” ҷой гирифт. Ногуфта намонад, ки “Эдип”-и ӯ Москваро низ забт карда, ба эътирофи бузургтарин санъатшиносони рус мушарраф гашта буд.

Аммо бояд гуфт, ки Ҳошим Гадоев пеш аз “Эдип” бо образи Суҳроб дар филми “Рустам ва Суҳроб” (соли 1971) машҳур шуд ва то ҳоло ин филм аз назару баҳои баланди киношиносону мухлисон дур наафтодааст. Дар манбаъҳо гуфта мешавад, ки “Ҳошим Гадо барои офаринши нақши Суҳроб дар театр дар адабиёти порсӣ, меъморӣ, пайкарнигорӣ, таъриху фарҳанги асри Фирдавсӣ, тангашиносӣ ва тарроҳии пӯшок пажӯҳиш бурд ва варзишу бадансозӣ карду тану дасту бозуяшро обутоб дод. Ин ҳама сахткӯшии вай натиҷаи бисёр хубе ба бор овард. Мунаққидон ин намоиш ва бозии ӯро чунон хуш пазируфтанд ки аз он замон то кунун филми “Рустам ва Суҳроб” аз беҳтарин филмҳои сохти замони шуравии Тоҷикистон ба шумор меравад. Шаҳбонуи Эрон Фараҳ Паҳлавӣ, ҳамсари Шоҳи Эрон Муҳаммадризо Паҳлавӣ аз бозии Ҳошим Гадо ва ҳамкоронаш дар намоишномаи «Рустам ва Суҳроб» дар Театри Лоҳутӣ мутаассир гашта, гирён ва беҳуш мегардад”.

Дар аксари нақшҳои мураккаби филмҳо Ҳошим Гадоев вазифаи каскадёриро ҳам бозӣ кардааст. Мегӯянд, ки ӯ дар “Муҳорибаи се шоҳ” (филми муштараки устодони кинои Ӯзбекистон, Россия, ИМА, Испания ва Марокаш) тамоми ҳаракатҳои хавфнокро ба ҷои каскадёри амрикоӣ, ки барои иҷрои ин нақш 5 миллион доллар хоста буд, (ҷаҳидан аз баландиии 20 метр ба баҳр) худаш иҷро кардааст. Ин гуна ҳолатро, инчунин ҳангоми иҷрои нақши Ғазанхон дар филми “Ламъаи гулханҳои хомӯш”-и “Озарфилм” ва даҳҳо дигар нақшҳо метавон мушоҳида кард. Ҳошим Гадо дар олами санъат, бахусус санъати кино ва театр падидаи беҳамто (феномен) аст. Барои ӯро шинохтан киноҳоро бо иштирокаш бояд дид ва китобҳояшро мутолиа намуд ( ӯ муаллифи беш аз 10 асар мебошад).

Мо дар ин мақола беҳуда аз таърихчаи на он қадар дури ҳамкориҳои ҳунарпешагони ду халқи бародар сухан нарондем. Имрӯз, ки ғояи наҷибонаи “Ӯзбекистони нав – ҳамсоягии нав” эҷод шуда ва босубот татбиқ мешавад, бояд аз сарчашмаҳои ин ҳамсоягии нек бештару беҳтар ҳикоя кунем.

**Шоқаҳҳор САЛИМОВ.**



***Дар сурат: Ҳошим Гадоев*** *дар нақши Эдип (дар Театри академии миллии Ӯзбекистон).*

***Суратгир: Неъматҷон ШАРИПОВ.***

*Тамаъгарӣ – иллат*

# ПАНДИ БОБО

Ҳар кас, ки овони бачагӣ аз панду ҳикматҳои бобою бибӣ бархурдор шуда онҳоро чун раҳнамои рӯзгори минбаъдаи худ ба гӯш «ҳалқа» карда бошад, саодатманд аст, зеро панди пирон ҳосили маънавии умр, таҷрибаи бисёрсолаи рӯзгори онҳост. Банда, ки дар шебу фарози зиндагӣ ба дурустии панди онҳо борҳо гувоҳ шудаам, бешубҳа, ба ҳаётӣ ва фалсафаи рӯзгор будани ин андарзҳо шубҳае надорам. Бобоям мегуфт: «Бачем, фаромӯш накун, инсон ду нафс дорад: нафси боло ва нафси поён. Касе, ки ин ҳар дуро идора карда тавонад ва ғуломи ҳалқабаргӯши худ кунад, вай ба мурode мақсадаш мерасад. Баръакс, оне, ки тобеи ин нафсҳо гардад, дур намеравад, дер ё зуд шармандаю шармсор мешавад. Мардум табиатан одами шикастанафс ва ба ҳақи худ қонеъро дӯст медоранд. Аҷибаш он, ки мӯсафедону пирони дигари деҳа низ ин панди бобоямро ба мо — бачагон такрор мекарданд.

Албатта, он гоҳ мо ба маънои баъзеи ин гуфтаҳо сарфаҳм намерафтем. Ҳам бобоям ва ҳам дигарон ба пурсишҳои мо аз қабили «Нафс чист?», «Нафси болою поён чӣ маънӣ дорад?» чунин ҷавоб медоданд: «Чун ба воя расӣ, худат мефаҳмӣ». Модарам низ нисбати тарбияи мо – фарзандон, хусусан духтарон хеле сахтгир буд. Вай шикастанафсии моро мехост ва мегуфт: «Сарчашмаи ҳар гуна беҳаёӣ баднафсист». Ба мо писарбачагони оила таъкид мекард: «Агар ба духтари касе чашм ало карданатонро донам ё шунавам, ҳамон лаҳза саратонро меканам. Аз будани бачаи нопок набуданаш беҳтар».

# РИШВАХӮРӢ – ДАРДИ КУҲНА

Адабиёти бадеӣ инъикоскунандаи ҳаёт аст. Вақти таҳсил дар мактаби миёна ҳангоми омӯхтани эҷодиёти ин ё он адиб, бахусус Убайди Зоконӣ дар дарси адабиёт аз ришвагирии амалдорони замони пеш огоҳ гардида будем. Маълум буд, ки ришвахӯрӣ решаҳои амиқи таърихӣ дорад. Яке аз ҳикоятҳои Убайди Зоконӣ (1270-1371) аз «Рисолаи дилкушо» «Қозӣ ва кӯзаи равған» ном дошт:

«Туркмане ба яке даъво дошт. Зарферо пур аз гаҷ кард ва рое равған дар он гудохт ва аз баҳри қозӣ ба ришват бурд. Қозӣ зарфи равғанро дид ва тарафи туркман гирифт, қазия чунон ки хотири ӯ мехост, охир кард ва хатти мусаҷҷал ба туркман дод.Баъд аз чанд рӯз маълум шуд, ки даруни зарф ҳама равған набудааст. Қозӣ туркманро бихонд ва гуфт:

– Хатро биёр, саҳве дар он рафтааст, то ислоҳ кунам.

Туркман гуфт:

– Агар саҳве ҳаст, дар зарф аст, на дар хат».

Таҳияи **А. АВЕЗОВ,** *вилояти Бухоро.*

# МАЪНАВИЯТ – ОФТОБИ ҚАЛБ

*“Агар ҷисми ҳаёти ҷамъият иқтисодиёт бошад, ҷон ва рӯҳи он маънавият аст. Мо барои бунёди Ӯзбекистони нав ба ҳамин ду сутуни мустаҳкам, яъне ба иқтисодиёти пурқудрати ба тамоилҳои бозор асосёфта ва мероси ғании ниёгон, ба суннатҳои миллӣ ва умумиинсонии маънавияти бузургамон такя мекунем”.*

***Ш. МИРЗИЁЕВ.***

Дирӯз дар Боғи ҷавонони Бӯстони ноҳияи Бӯка ба мақсади баланд бардоштани самарабахшии корҳои маънавият ва маърифат, инчунин барои кӯмаки услубӣ расондан ба тарғибгарон оид ба масъалаҳои эҷодию маданӣ дар муассисаҳои таълими ҳамагонӣ таҳти мавзӯи “Маънавият – офтоби қалби мо” машварат баргузор шуд. Дар ин чорабинӣ, ки бахшида ба 30-юмин солгарди истиқлолияти давлатии кишвари мо ва таҳти шиори “Дар Ӯзбекистони нав озод ва фаровон зиндагӣ кунем!” баргузор гардид, намояндагони ҳокимияти ноҳия, шоирон ва хонандагони эҷодкор иштирок карданд. Дар он тарғибгарон аз эҷодиёти худ намунаҳо хонданд ва доир ба вазифаву масъулияташон дар фаъолияти касбӣ сухан ронданд.

Бояд гуфт, ки алҳол бо ташаббуси Сарвари давлатамон Ш. Мирзиёев кори дар мамлакат ташаккул додани маънавият, дорои маънавияти баланд кардани халқи кишвар ба дараҷаи сиёсати давлатӣ бардошта шудааст. Дар Ӯзбекистон барои баланд бардоштани маънавият ва маърифат, тарғибу ғанӣ намудани онҳо Маркази “Маънавият ва маърифат” фаъолият дорад. Чанде қабл Қарори Президент “Дар бораи чораҳои беш аз пеш такомул бахшидани сохтори корҳои маънавӣ ва маърифатӣ” қабул шуд. Он дар мамлакат бобати баланд бардоштани нақши маънавият дар байни аҳолӣ, рушд ва ташаккул додани корҳои соҳа дастуруламали муҳим гардид. Аз ҷумла, бо мақсади таъмини иҷрои қарори мазкур, ҳамчунин ташаккул додани авлоди аз ҷиҳати маънавию ахлоқӣ комил ва ҷисмонан солим, таъмин сохтани иштироки фаъоли онҳо дар ислоҳоти кунунӣ бо ташаббус ва ҳамкории Вазорати таълими халқ, Маркази маънавият ва маърифати ҷумҳурӣ, Иттиҳоди эҷодии журналистон ва Иттиҳоди нависандагони Ӯзбекистон дар тамоми мактабҳои сартосари ҷумҳурӣ вазифаи нави тарғибгар оид ба масъалаҳои эҷодию маданӣ ҷорӣ карда шуд.





– Алҳол дар 54 мактаби таҳсилоти ҳамагонии тобеи шуъбаи таълими халқи ноҳияи Бӯка чунин тарғибгарон фаъолият пеш мебаранд, – мегӯяд мудири шуъбаи Маркази маънавият ва маърифати ҷумҳуриявӣ дар ноҳияи Бӯка Ч. Абдурасулова. – Вазифаҳои асосии онҳо муайян ва интихоб кардани хонандагони дорои қобилияти эҷодӣ, ташкил намудани маҳфилҳои адабӣ ва сабақҳои маҳорат, ба нашрҳои адабӣ ва чопӣ барои нашр тавсия кардани корҳои эҷодии онҳо, дар байни хонандагон озмун ва ҷашнвора гузарондан, ба роҳ мондани вохӯриҳо бо шоиру адибони номвари ҷумҳурӣ ва ғайра мебошад.

**Меҳровари ҚОДИР.**
*Ноҳияи Бӯка.*

# ИНТИХОБОТИ ПРЕЗИДЕНТӢ: МАЪРАКАИ ИНТИХОБОТ ОҒОЗ ЁФТ

⇦ (Аввалаш дар саҳ.1).

Бо мақсади дар сатҳи баланди сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва ташкилӣ баргузор кардани интихоботи дарпешистода, дар асоси барномаи асосии чорабиниҳо оид ба омодагӣ ба интихоботи Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон, ки 14 апрели соли равон тасдиқ шудааст, Комиссияи марказии интихобот якҷоя бо ташкилотҳо як қатор корҳоро анҷом дода истодааст.

Мувофиқи он, ҳамчун вазифаи муҳим – ба интихобкунандагон ва ташкилкунандагони интихобот расонидани моҳият ва аҳамияти интихоботи президентӣ, хусусан интихобот, Кодекси интихобот, тағйиру иловаҳо ба қонунгузории интихобот муайян шудааст. Ҷолиби диққат аст, ки чунин чорабиниҳо, ки пеш аз эълони маъракаи интихобот баргузор шуда буданд, миллионҳо шаҳрвандонро фаро гирифтанд.

Дар ҷамъомад бо мақсади таъмини саривақтӣ ва муассири меъёрҳои дар қонунгузории интихобот муайяншуда, нақшаи тақвимии баргузории интихоботи Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон тасдиқ карда шуд.

Дар ҷадвали тақвимӣ вазифаҳои марҳила ба марҳила ва ҳаррӯза муайян карда шуданд, ки Комиссияи марказии интихобот якҷоя бо мақомоти дахлдори давлатӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва дигар ташкилотҳои ҷамъиятӣ баргузор менамояд. Ин ташкили комиссияҳои ҳавзавӣ ва участкавии интихоботӣ, таъмини иштироки пешазинтихоботии нозирон, ташкили рӯйхати ягонаи электронии интихобкунандагон, иштироки пешазинтихоботии ҳизбҳои сиёсӣ, номзадҳои ба вазифаи президентӣ пешбаришудаи онҳо ва шахсони боэътимоди онҳо, маблағгузории маъракаи интихобот, таблиғоти интихоботӣ, инъикоси раванди интихобот, гузарондани овоздиҳӣ ва дигар корҳо мебошанд.

Комиссияи марказии интихоботӣ, инчунин комиссияҳои интихоботии ҳамаи сатҳҳо кори худро дар самти омодагӣ ва гузаронидани интихоботи президентӣ дар асоси принсипҳои қонуният, мустақилият, ростқавлӣ, ошкорбаёнӣ ва шаффофият ташкил мекунанд.

Дар ҷамъомад, бо ин мақсад дар бораи таъсиси Маркази матбуоти Комиссияи марказии интихоботии Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва филиалҳои минтақавии он қарор қабул, инчунин мавқеи марказ тасдиқ шуд. Дар маркази матбуот ҳафт гурӯҳи махсуси рӯзноманигорон, ҳуқуқшиносон, тарҷумонҳо, коршиносон ва мутахассисони дигар кор хоҳанд кард.

Маркази матбуоти Комиссияи марказии интихобот, ки фаъолияти худро дар бинои Қасри симпозиумҳо, Маркази маърифат дар суроғаи Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 1 оғоз мекунад, инчунин идораҳои минтақавии он бо технологияҳои муосири иттилоотию коммуникатсионӣ таъмин карда мешаванд. Дар он ҷо брифингҳо, конфронсҳои матбуотӣ, вохӯриҳо ва дигар чорабиниҳо бо мақсади таъмин намудани рӯзноманигорон ва мардум бо маълумоти фаврӣ дар бораи интихобот баргузор мешаванд.

Маркази матбуот пешбурди веб-портали «Saylov 2021»-и Комиссияи марказии интихобот ва инчунин дигар маъхазҳои иттилоотиро таъмин мекунад.

Дар охири ҷамъомад Комиссияи марказии интихобот барои намояндагони воситаҳои ахбори оммавӣ доир ба масъалаҳои баррасишуда нишасти матбуотӣ ва презентатсияҳо баргузор намуд.

**Хидмати матбуоти Комиссияи марказии интихоботӣ**

*Чоршанбеи ДЕҲНАВӢ*

# ЁРИИ ТАЪҶИЛӢ

*(Ҳаҷвия)*

Ҳалим Бақоевич роҳхати навбатиро гирифта, ба ном ва манзили бемор назар афканду ҳамшираро ҷуст. Аммо ҳамшира наменамуд. Ҳалим Бақоевич саросемавор дари хонаҳоро як-як кушода, ӯро аз хонаи охирин дарёфт. Вай ҳамроҳи ду-се ҳамшираи дигар дар назди оина нишаста, ба абрӯвонаш ӯсма мекашид.

– Визов! – гуфт бетоқатона Ҳалим Бақоевич, – зудтар бошед!

Ҳамшира абрӯвонашро паронда хандид.

– Дар ҳамин бевақтии шаб-а? – гуфт бо ноз ва коғазеро гирифта, абрувонашро шамол додан гирифт, – қабоқатонро овезон накунед, духтур, ӯсмаамро хушконда гирам.

Нозкуниҳои ҳамшира бори аввал ба Ҳалим Бақоевич нафорид. Вай сари ҷаҳл чизе гуфтан хосту боз худдорӣ намуд. Дарро сахт пӯшида, берун баромад. Илова бар ин, ронандаи мошини “Ёрии таъҷилӣ” низ дар ҷояш набуд. Ҳалим Бақоевич ба хонае, ки ронандагон ғун шуда менишастанд, рафт. Ронанда дар он ҷо низ набуд. Духтур дандон хоида, назди навбатдори шӯъба даромад.

Дар мо кай тартиб мешавад?! – беихтиёр шӯрид ӯ, – парвои бемор надошта бошем, шуъбаи ёрии таъҷилӣ чӣ лозим?!

– Чӣ гап худаш, Ҳалим Бақоевич, – ба чизе сарфаҳм нарафта пурсид навбатдори шӯъба, – дурустар фаҳмонед.

– Ронанда ку?! Ё беморро дар пуштам бардошта оварданам лозим аст?!

Навбатдор ронандаро бо баландгӯяк ҷеғ зад.

Бемор кӯдак будааст. Ҳалим Бақоевич ба ӯ ёрии нахуст расонда, зуд ба беморхона овард. Духтури қабулхона дар телефон бо кадоме гап мезад. Гуфтугӯ кашол ёфта буд, Ҳалим Бақоевич дигар худдорӣ карда натавонист:

– Ман назди шумо одам овардам, гӯсола не!

Духтур гапро кӯтоҳ карда, гӯшакро дар ҷояш гузошт.

— Инро бозсозӣ гӯяд мешавад, – гуфт духтур аз ҷо хеста истода, – хурсандам, ки он аз шумо сар шуд.

– Аввал ба бемор ёрӣ расонед, баъд писханд мезанед!

Духтур кӯдакро муоина намуда, ба шӯъбаи бемориҳои бачагона сим зад. Духтури бачаҳо ҳаял кард ва худи Ҳалим Бақоевич рафт.

– Шумо дар навбатед ё дар истироҳат?! – духтурро аз ҷои хоб хезонд ӯ, – касал ҳарҷӣ шаваду хоби шумо вайрон нашавад! Ҳамин хел? Ман аз болои шумо шикоят мекунам!

Ҳалим Бақоевич беморро дар беморхона хобонд. То беҳтар шудани аҳволи вай дар сараш истод. Муҳимаш, аз ӯ касе наранҷид. Баръакс, духтурон дар назди беморон масъулият ҳис накардани худро пай бурда, қадре ҳушёр гардиданд.

Аммо Ҳалим Бақоевич пагоҳӣ, аниқтараш, пеш аз супоридани навбатдорӣ аз ҳамаи шахсоне, ки шаб ранҷонда буд, узр хоста баромад:

– Мебахшед, фарзанд чизи ширин, аҳволи ӯро дида тоқат карда натавонистам...



*Дар гармои тобистон истироҳат дар ҷойҳои соя хушоянд аст. Истироҳатгоҳи тобистонаи бачагон «Алпомиш», ки дар оғӯши кӯҳсор ҷойгир шудааст, аз ҷойҳои хуби дамгирии наврасон дар фасли тобистон ба шумор меравад.*

*Ин маскани истироҳат, ки дар тасарруфи шуъбаи таълими халқи шаҳри Самарқанд мебошад, дорои 220 ҷой буда, баҳри хушу гуворо гузаронидани таътили тобистонаи бачагон шароити зарурӣ дорад.*

*Бо мақсади дар истироҳатгоҳ пурмазмун гузаронидани вақти холии бачагон ба онҳо 12 нафар кормандони мактабҳои таълими умумии шаҳр вобаста карда шудаанд. Ҳоли ҳозир дар истироҳатгоҳ беш аз 400 нафар наврасон дар навбати дуюм таътили тобистонаи худро бо хушу хурсандӣ мегузаронанд.*

***Дар сурат:** дар истироҳатгоҳи «Алпомиш».*

***Суратгир: А. ИСРОИЛОВ (ЎзА).***

**Дар мавзӯи ахлоқ**

***Барои инсони ҳақиқӣ шудан қавииродагӣ, ростқавлӣ, ташаббускорӣ, накӯкорӣ, хоксорӣ, хайрхоҳӣ барин хислатҳои нек заруранд. Вале оё мо соҳиби ин гуна хислатҳои хуб ҳастем? Инро ҳаёт нишон медиҳад.***

## МО ШИРИ ХОМХӮРДАЕМ

Дар ин навишта ман воқеаҳои бо чашми худ дидаро нақл мекунам.

Мансабдореро медонам, ки борҳо аз мансаб сабукдӯш шуда, бо ҳар гуна роҳҳо ба роҳбарони нави ноҳия писанд меояду боз соҳиби мансаб мегардад. Чун аз мансаб фарояду бекор монад, ба ҳамсинфону ҳамсолон ва ҳаммаҳаллаҳояш наздик мешавад. Соҳибмансаб, ки шуд, боз аз онҳо дур мешавад, ҳатто ба маъракаҳои шодиву маросимҳои таъзияашон ҳам намеравад. Саҳар ба кор мешитобаду шом бармегардад...

Нафареро медонам, ки солҳои дароз бо хоҳарону хоҳарзодаҳои худ қаҳрӣ буд, ҳатто дар лаҳзаҳои вопасини умри хоҳаронаш ҳам, аз онҳо хабар нагирифт. Ҳоло пири барҷомонда бошад ҳам, бо ҷиянҳояш қаҳрист. Аммо бо хешони зан рафтуомади хуб дорад...

Бинобар фарзи мусулмонӣ намози бомдодро то қадри имкон дар масҷид бо ҷамоа мехонам, баъзан пешин ҳам дар он ҷо бо ҷамоа ибодат мекунам, дар давоми якчанд сол ҳаминро мушоҳида кардам, ки ба масҷид се навъ одамон мерафтаанд: аввалан, тақводорони мӯъмину худотарс, ки аз тахти дил тоату ибодат мекунанд. Дуюм, одамоне, ки дар ҷавонӣ, миёнсолӣ ба ҳар хел кору амалҳо машғул буданду имрӯз барои шустани гуноҳҳои худ ибодат менамоянд. Сеюм, намоишкороне, ки барои обрӯву эътибор гирифтан, сарвати худро намоиш додан ба масҷид мераванд.

Дигар қазоват аз шумо, рӯзномахонони азиз.

**Назирҷон ЭРГАШЕВ,**
*ноҳияи Чуст,*
*вилояти НАМАНГОН.*

## РОҲБАРИ ҲИММАТБАЛАНД

Деҳаи кӯҳии зебоманзари Чинор. Аз ҳамин деҳаи хурдакак, ки онро аз ду тараф кӯҳҳои баланду бошукӯҳ печонда гирифтаанд, омӯзгор Ғаниҷон Хайриев ҳар рӯз 71 километр роҳро тай намуда, ба мактаби миёнаи рақами 71-уми ноҳияи Хатирчӣ, ки дар ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи "Ангидон" воқеъ аст, меравад. Ҷараёни таълиму тарбия мушкилиҳои ба худ хос дорад, аммо Ғаниҷон саъй мекунад, ки мактабашро ба қатори мактабҳои шаҳр дохил кунад. Ҷиҳатҳои корбарии ӯ аз қабили "ҳафт бор чен куну як бор бур" буда, аввало ҳаракат мекунад, ки пойгоҳи мактабро бо аёният ва техникаву методҳои дарсӣ мустаҳкам намояд, савияи дониши омӯзгоронро баланд бардорад, асрори илму фанро ба хонанда пурра азхуд кунонад.

Чи тавре ки қайд намудем, Ғ. Хайриев ҳар рӯз 71 километр роҳро бо автомобили худ тай намуда, ба мактаб меравад ва раҳорах аз деҳаҳои сари роҳ муаллимон ва хонандагони хурдсолро низ бо худ мегирад.

– Муаллим таърифу тавсифро хуш намебинад, ӯ камгап, ором буда, солҳои тӯлонист, ки ба интизоми оҳанин қатъӣ риоя мекунад ва инро аз хонандагону муаллимон низ талаб менамояд. Роҳаш дур бошад ҳам, аз ҳама пеш ба мактаб ҳозир мешавад, – мегӯяд омӯзгори фанни санъати тасвирӣ Б. Худойшукуров.

– Зимистони деҳаи кӯҳии мо ниҳоят сард, баҳораш гарму ботароват, дар тобистон боғоти ҳамдеҳагон ғарқи меваву сабзавот мегардад. Барои он ки деҳа аз бозору мағозаҳо дур аст, аҳолӣ ҳаракат мекунад, ки аксарияти маҳсулоти хурокворирo аз замини рӯйи ҳавлиаш ба даст орад. Ғ. Хайриев ҳамчун роҳбари фидоии касби худ, ба инҷиқиҳои табиат нигоҳ накарда, бахусус, рӯзҳои серборишии фасли баҳор, ки баъзан сел омада гузаргоҳро мебаст, ба мактаби азиз, ба назди хонандаҳои меҳрубони худ мешитобад. Устодро мо ҳамчун роҳбари сахтгир, меҳрубон, содиқи касби худ, меҳнаткаш хеле дӯст медорем ва ҳурмат мекунем.

– Ғаниҷон инсони хуб аст, ӯ шиори "Некӣ куну ба дарё андоз"-ро ба худ касб намудааст, – мегӯяд муаллима А. Умарова. – Ман низ аз мактаб дар масофаи 55 километр дур истиқомат мекунам. Муаллим ҳар рӯз маро бо мошинаш ба коргоҳ мебарад. Ӯ ҳаракат мекунад, ки ҳар як хонаи фанниро мувофиқи ҳамон фан бо ҷиҳоз ва компутер ва дигар аёниятҳои зарурӣ муҷаҳҳаз созад, ба ҳар як фан навоварӣ, видеонаворҳо, суратҳои шавқовар дохил кунад.

Дар мактаби таълими умумии рақами 71, ки ҳоло Ғ.Хайриев роҳбарӣ мекунад, 166 нафар хонанда таҳсил мегирад. Дар бинои асосии маҳаллаи "Ангидон" 126 нафар, дар филиалҳои деҳаҳои Тариқпоя ва Тошбулоқ 40 нафар хонанда таҳсил мегиранд.

– Бинои асосиамон соли 2020 дар асоси Барномаи инвеститсионӣ аз таъмири пурра баровarda шуд. Дар чунин бинои замонавӣ, баҳаво ва бо тамоми қулайиҳо муҷаҳҳаз бояд ба сифат ва самарадории таълиму тарбия беш аз пеш эътибор диҳем, барои босавод ва ҳаматарафа солим будани фарзандонамон ҳиссаи худро гузорем. Имрӯзҳо дар мактаб гурӯҳи корӣ ташкил кардаем, ки барои хатмкардагони мактаб доир ба омода кардани ҳуҷҷатҳои дохилшавӣ ба муассисаҳои олӣ, касбу ҳунар ва дигар мақсадҳо роҳ нишон медиҳад. Соли хониши 2020-2021 нишондоди ба муассисаҳои олӣ дохил шудани хонандагонамон 40 фоиз буд, акнун ният дорем, ки ин нишондод ба 60-80 фоиз мерасад. Фарзандони деҳаҳои дурдаст низ ҳақ доранд ба оянда бо чеҳраи кушод нигаранд, – мегӯяд Ғ. Хайриев.

Оре, дар ҷамъият чунин ҳамзамонони фидоӣ, дӯстдорандаи касби худ, меҳнаткаш ва олиҳиммат ҳар қадар зиёд бошанд, ояндаамон ҳамон қадар фаровон ва мустаҳкам мегардад.

**Тамара ЙЎЛДОШЕВА,**
**омӯзгори мактаби миёнаи рақами 6-уми шаҳри Навоӣ.**

## ОЗМУНИ «ОИЛАИ КИТОБХОНИ ҶАВОН»

Дар «Маркази ҷавонон»-и шаҳри Бухоро марҳилаи вилоятии озмуни «Оилаи китобхони ҷавон» ба амал омад. Дар он 14 оила иштирок кард. Гуфтан ҷоиз аст, ки дар қувваозмоиҳо 638 оила иштирок намуда, ғолибони марҳилаи вилоятӣ то ин ҷо омадаанд. Доварон ғолибони озмунро муайян карданд.

Ҷои якум ба оилаи Рустам Ғафуров (аз ноҳияи Қаравулбозор), ҷои дуюм ба оилаи Тошпӯлод Аббосов (ноҳияи Бухоро) ва ҷои сеюм ба оилаи Толибҷон Тилавов (аз шаҳри Бухоро) насиб кард. Ғолибон ва ҷоизадорон бо тӯҳфаҳо сарфароз гардонда шуданд.

Оилаи Рустам Ғафуров соҳиби роҳхати марҳилаи ҷумҳуриявии озмун гардид.

**А. АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.**

**Мавзӯи муҳими рӯз**

## «COVID-19» ҶАРО АВҶ МЕКУНАД?

***Мутаассифона, пандемияи коронавирус дар кишвари мо дубора авҷ гирифт. Шумораи беморон чун дар Тошканд дар Самарқанд низ рӯз то рӯз меафзояд.***

– Сабаби мавҷи нави вирус, ҷараёни шадиди беморӣ ва зиёд шудани миқдори фавтидагон он аст, ки мардуми мо ба маҳдудиятҳои карантин риоя намекунанд, ба талабҳои он беппарвоёна муносибат мекунанд, – мегӯяд сардухтури шифохонаи марказии шаҳри Самарқанд, номзади илмҳои тиб Аҳмадҷон Бобоҷонов. – Соли гузашта ман дар маркази табобатгоҳ – толори варзиши шаҳрамон адои вазифа доштам ва шоҳиди шодӣ аз шифо ёфтану дареғу ҳасратхурӣ аз марги бемаҳал будам. Барои мо вируси «Covid-19» як падидаи номаълум буд, вале шифокорон ба савганди хеш содиқ монданд.

Роҳбари кишвари мо аз рӯзҳои аввали пайдоиши ин иллат чораҳои таъхирнопазир андешид, шифохонаҳои махсуси замонавӣ бунёд гардида, бо таҷҳизоти зарурии тиббӣ, воситаҳои ҳаводиҳии сунъӣ, ниқоб, дастпӯшак, ҷомаҳои ҳимоякунанда пурра таъмин гардиданд.

**– Бинобар маълумотҳо бештар ҷавонон ба гирдоби беморӣ афтодаанд? Ҷаро?**

– Афсӯс, ки ин касалии сирояткунанда синну солро намедонад. Барои мо, шифокорон бемори солхӯрда ё ҷавон нест. Лекин, бояд эътироф кард, ки маҳз ҷавонон ба қоидаҳои карантин беэътиноӣ мекунанд. Ваксинаро бояд ҳама қабул кунанд.

**– Оё баъди гирифтани ваксина низ бемор мешаванд?**

– Сад фоиз кафолат нест. Аммо пешгирӣ зарар надорад. Аз таҷрибаи кор мегӯям, ки агар беморӣ ба шахси эмгирифта сироят кунад, табобаташ сабуктар мегузарад.

**– Баъзе шахсон табобатро дар хона афзал медонанд...**

– Бемороне, ки дар шароити хона табобат мегиранд, бо хидмати тиббию дорувор ва ғайра таъмин карда мешаванд. Фақат ба қоидаҳои карантин бояд қатъиян амал кард.

«Covid-19» бемории хавфноку бераҳм аст. Дар урфият «эҳтиёт – ними ҳаёт!» мегӯянд, бинобар ин бояд ба қоидаҳои карантин аз пандемия қатъӣ риоя карда шавад.

Мусоҳиб

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА.**
*Вилояти САМАРҚАНД.*

**Анҷумани матбуотӣ**

## БУРДУ БОХТ ВА НАҚШАҲО

***Садорати вилоятии Агентии хидматҳои давлатӣ дар ҳар чоряк ва шашмоҳа баргузор кардани нишасти матбуотиро ба анъана табдил медиҳад. Дар нишасти матбуоте, ки роҳандозӣ гардид, сардори садорат Бобур Умрзоқов дар мавриди бурду бохт ва нақшаву дастовардҳои соҳа ҳарф зад.***

Ӯ, аз ҷумла, гуфт, ки аз давраи арзи ҳастӣ намудани ин сохтор дар мамлакатамон барои аҳолӣ бисёр қулаиҳо ба вуҷуд омаданд. Як андоза сарсониҳои шаҳрвандон дар роҳи иҷрои хидматҳо барҳам ёфтанд. Ҳоло дар сенздаҳ шаҳру ноҳияи қаламрави вилоят бахшҳои агентӣ таъсис ёфтаанд. Дар он ҷо ба аҳолӣ аз рӯи 154 намуд хидмат мерасонанд. Агар ба нишондиҳандаҳо назар андозем, мебинем, ки тӯли шашмоҳаи аввал беш аз ҳазору ҳаштсад намуди хидмат расонида шудааст.

Сарвари давлат соли 2019 зимни ташрифи худ ба вилояти Ҷиззах аз Маркази хидматҳои давлатии ноҳияи Мирзочӯл (шаҳри Гагарин) дидан карда буд. Ба саросари ҷумҳурӣ ҷорӣ сохтани ин таҷрибаро тавсия дода буд. Соли 2020 дар шаҳри Ҷиззах ин марказ бунёд ёфт ва миёни 206 маркази хидматрасонии қаламрави ҷумҳурӣ беҳтарин ва намунавӣ пазируфта шуд. Ҳамаи ин биноҳои замонавии марказҳо аз ҳисоби буҷаи маҳаллӣ, Вазорати адлия, саҳми сектори хусусӣ ва соҳибкорӣ маблағгузорӣ гардидааст.

Дар идораву муассисаҳо усули «Мизоҷи сирнок» ҷорӣ намудем. Роҳандозии ин усул ва якчанд рейдҳо камбудӣ ва қонуншиканиҳоро ошкор сохтанд. Дар идораҳои сабти ақди никоҳ ва далолатномаҳои шаҳрвандӣ вайрон гардидани интизоми меҳнат ба мушоҳида расид. Дар натиҷа, якчанд нафар ходим ба ҷавобгарии интизомиву маъмурӣ кашида шуданд.

Ба ҷои якчанд намуди ҳуҷҷат ба вуҷуд овардани шакли электронии онҳо дарояндаи наздик мушкили одамонро осон хоҳад кард. Ба ғайр аз ин, пойгоҳи маълумотҳои шахсии шаҳрвандон ба тасвиб мерасанд, ки ин ҳам як роҳи ҷилавгирӣ аз коррупсия мебошад.

Бобур Умрзоқов ба саволҳои рӯзноманигорон посух гуфта, оид ба ҳамкориҳои омӯхтан ва ҷорӣ сохтани таҷрибаи кишвари мо бобати афзалиятҳои хидматҳои давлатӣ аз тарафи бародарони тоҷикистонӣ низ тавaққуф кард.

Мавсуф, инчунин, дар бораи созмон додани агентиҳо дар ҳудудҳо аз тарафи ашхоси ҳуқуқию ҷисмонӣ ёдовар шуд. Назар ба таъкиди вай, талабгорон метавонанд дар курсҳои омӯзишии чиҳилрӯза таҳсил кунанд. Сонияи барои ифтитоҳ додани агентӣ хона, ҷиҳозҳои коммуникатсионӣ бояд дошта бошанд.

**Анорбой НАЗАРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти ҶИЗЗАХ.*



*Дар мактаби таълими умумии рақами 48-уми ноҳияи Давлатободи вилояти Наманган бахшида ба 20 июл – Рӯзи умумиҷаҳонии шоҳмот клуби шоҳмоту шашкаи «Шоҳрух» кушода шуд.*

*Клуби мазкур барои беш аз пеш оммавӣ кардани варзиши мамлакат, тарғибу ташвиқ намудани тарзи солими ҳаёт, афзун сохтани шавқу ҳаваси ҷавонон ба бозиҳои шоҳмоту шашка ташкил гардид.*

*Дар чорабинии бахшида ба кушодашавии клуб дар байни наврасон мусобиқаи шоҳмот гузаронида шуд. Дар мусобиқа дӯстдорони ин навъи варзиш фаъол иштирок карданд.*

***Дар сурат:** дар клуби шоҳмоту шашкаи «Шоҳрух».*

***Суратгир: Ҳ. МАМАДАЛИЕВ (ЎзА).***

## АГАР АЗ ДИЛ БА ДИЛ ТУ РОҲ ҶӮЙӢ...

***Якуми июли соли равон деҳаи зебоманзари Хуфар намуди идона дошт. Аз чеҳраҳои шукуфон ва дилҳои шоду масрури ҳар як сокини деҳа аён буд, ки имрӯз дар деҳа ид аст. Иди амалӣ шудани ормону орзуҳо ва ниятҳои деринтизор.***

Аз дамидани субҳи содиқ бо роҳбарии раиси деҳ Шавкатулло Ғафуров мардум барои пешвози меҳмонон омодагӣ медиданд. Таббоҳон хӯрок мепухтанду пешхизматон дастурхон меоростанд.

Сабабгори ин омодагӣ, пешвозгириву хурсандиҳо маъракаи кушодашавии роҳи нав буд. Дар урфият мегӯянд, ки роҳ дастурхони Худованд аст.

Роҳи автомобилгарди деҳаи Хуфарро, ки аз деҳаи Навобод тавассути сойи Паттаҳо, Туғи Мулло Ҳалим, мавзеи Мастағӯл ва баландии Маҳтобзор то деҳа 18 километр тӯл мекашад, охири солҳои ҳаштодум ва ибтидои солҳои навадуми қарни гузашта канда, регу санг рехта ба истифода дода буданд. Ин роҳ вобаста ба ҳар як фасли сол носоз буд ва мардуми деҳа мумфарш шудани онро дер боз орзу менамуданд.

Аввалҳои моҳи марти соли 2020 дар як боздиди расмӣ аъзои Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон Абдуғанӣ Сангинов ба деҳа ташриф оварда, ормонҳои бисёрсолаи сокинони деҳаро шунида, барои амалӣ шудани ин орзу қавли устувор дод.

Хушбахтона, 22-юми апрели соли 2020 мумфарш шудани роҳи автомобилгарди мазкур оғоз гардид. Азбаски роҳи байни деҳа мушкилиҳои ба худ хос дошт, муҳандисону роҳсозон ба қароре омаданд, ки бояд 2 километри ин роҳ бетонӣ бошад. Аз охирҳои моҳи май то аввалҳои моҳи июни соли ҷорӣ ин иқдом низ амалӣ гардид.

Дар асфалтпӯш шудани ин роҳ саҳми роҳбари сохтмони ҶММ обанбори Тӯпаланг Нуралӣ Фаттоев, сармуҳандис – Нуриддин Салимов, муовини сармуҳандис – Қурбонбой Ниёзов, роҳбари шуъбаи сохтмон – Шавкат Нарзуллоев ва роҳбари коргоҳи регу шағалбарории сохтмони обанбори Тӯпаланг – Алоуддин Сангинов хеле калон аст. Инчунин, заҳмати роҳсозон ва диловарони ин майдони корзор, ба монанди Шавкатулло Ғафуров, Доим Шукуров, Саъдулло Ғоибов, Қосим Азимов, Баҳриддин Хоҷиев, Комрон Ниёзов ва дигарон бисёр арзанда аст.

*Агар аз дил ба дил ту роҳ ҷӯӣ,*
*Гузар аз ағбаҳои роҳи инсон.*
*Ба раҳсозон ҳазор аҳсан бигӯӣ,*
*Ки раҳсозӣ набошад кори осон.*

Ҳамин тавр якуми июл, расо соати 9-и саҳарӣ меҳмонони олимартаба: аъзои Сенати Олий Маҷлис раиси раёсати Ҷамъияти саҳҳомии «Ӯзгидроэнерго» Абдуғанӣ Сангинов, ҳокими вилояти Сурхондарё Тӯра Боболов ва ҳокими ноҳияи Сариосиё Абдусалом Хӯҷақулов бо қудуми муборaки худ ба ин маърака ташриф оварда, шукӯҳ ва шаҳомати ҷамъомадро афзуданд.

Ҳокими вилоят Тӯра Боболов ба минбар баромада дар бораи таассуроти худ аз ин сафари расмӣ ва эҳтироми сокинони ин деҳаи бостонӣ арзи сипос намуд. Абдуғанӣ Сангинов ҳангоми суханронӣ қайд намуд: «Бобою бобокалонҳои ман зодаи ин деҳаанд ва ман шодам, ки имрӯз ба ин мардуми сарбаланд хизмати бошарафона дорам. Бигзор ин роҳ дар рӯзҳои нек ба мардуми деҳа хизмат намояд». Аз тарафи ҳокимияти ноҳия якчанд сертификат ва ашёҳои рӯзгор ба оилаҳои камбизоат тухфа карда шуд. Инчунин, чорто аробачаи маъюбӣ ба беморон супурданд.

Ин ташаббус, ки дар он бевосита саҳми Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев басо назаррас аст, дар арафаи ҷашни 30- солагии истиқлолияти ватанамон ба сокинони ин деҳаи бостонӣ тухфаи арзанда ва хотирмон гардид. Ҳар як ватандор ва сокини ин деҳа аз ин иқдом рӯҳу илҳоми тоза гирифта дар паи ободӣ, сарсабзӣ ва шукуфонии ватани ҷоноҷонамон ҷидду ҷаҳд хоҳад кард. Шоир фармудааст:

*Ба ин Ватан нигоҳи ошиқона мекунам,*
*Сару дилам фидои ин замона мекунам.*
*Муҳаббати самимии бародаронаро,*
*Ба ҳар нафас, ба ҳар қадам тарона мекунам.*

**Илҳом ХИДИРОВ,**
**омӯзгори мактаби рақами 8-уми ноҳияи Сариосиё.**
*Вилояти СУРХОНДАРЁ.*

*Овози тоҷик*
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон тахти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-725. Адади нашр 5666, ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Суратҳисоби мо дар бонк:
С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор:
С. Бекназарова.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 23.00

**Нишонии мо:**
**100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.**
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.